*УДК 330*
*DOI 10.24412/3005-8023-2025-2-142-150*

# *ИНКИШОФИ НАҚЛИЁТИ САБЗ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ МОДЕЛИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ*

***Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан,*** *д.и.и., профессор, муовини аввали вазири маориф ва илми ҶТ (Душанбе, Тоҷикистон);* ***Алиджанова Сурайё Абдушукуровна,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *РАЗВИТИЕ ЗЕЛЕНОГО ТРАНСПОРТА КАК ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ МОДЕЛИ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ*

***Хошимзода Хомид Хасан,*** *д-р экон. наук, профессор, первый заместитель министра образования и науки РТ (Душанбе, Таджикистан);* ***Алиджанова Сурайё Абдушукуровна,*** *канд. экон. наук, доцент кафедры экономической теории ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# *DEVELOPMENT OF GREEN TRANSPORT AS A PRIORITY AREA OF THE GREEN ECONOMY MODEL*

***Hoshimzoda Homid Hasan,*** *doctor of Economy, first deputy of Ministry of Education and Sciences of Republic of Tajikistan (Dushanbe, Tajikistan);* ***Alijanova Surayo Abdushukurovna,*** *candidate of Economy, associate professor of economic theory department under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *Sura14@mail.ru*

*Масъалаҳои рушди нақлиёти сабз ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодиёти сабз мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки таъмин намудани алоқамандии муттасили минтақаҳои Тоҷикистон аз ҳисоби ташаккули низомҳои нақлиётӣ ва телекоммуникатсионӣ густариш ёфтааст. Ҳамзамон таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар раванди ташаккулёбии иқтисодиёти сабз гузариш ба нақлиёти барқӣ аҳаммияти калон дорад. Дар доираи таҳқиқот муайян карда шудааст, ки гузариш ба нақлиёти барқӣ ба коҳиш додани ихроҷи газҳои гулхонаӣ ва истифодаи сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда мусоидат менамояд. Афзалиятҳои иқтисодии гузариш ба нақлиёти барқӣ дар шароити минтақаҳои Тоҷикистон муайян карда шудаанд, ки мутобиқи он истифодаи нақлиёти барқӣ ва ҳибрид ба маротиб истифодаи сарчашмаҳои энергияи барқарорнашавандаро коҳиш дода, хароҷоти нақлиётиро кам менамояд ва ба беҳтар намудани вазъияти экологӣ мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *минтақаҳои Тоҷикистон, иқтисодиёти сабз, нақлиёти сабз, низомҳои нақлиётӣ, нақлиёти барқӣ, энергияи барқароршаванда*

*Рассмотрены проблемы развития зеленого транспорта как приоритетного направления зеленой экономики. В результате проведенного исследования установлено, что обеспечение непрерывной связи между регионами Таджикистана улучшается за счет формирования транспортно-телекоммуникационных систем. При этом анализ доказывает, что в процессе формирования зеленой экономики большое значение имеет переход к электротранспорту. Обосновано, что использование электромобилей способствует сокращению выбросов парниковых газов и эксплуатации возобновляемых источников энергии. Определены экономические преимущества перехода к электротранспорту в регионах Таджикистана, в соответствии с которыми использование электрического и гибридного транспорта значительно сокращает использование невозобновляемых источников энергии, снижает транспортные расходы и способствует улучшению экологической ситуации.*

***Ключевые слова:*** *регионы Таджикистана, зелёная экономика, зелёный транспорт,*

*транспортная система, электротранспорт, возобновляемая энергия*

*The article examines the problems of developing green transport as a priority area of the green economy. As a result of the study, it was found that ensuring continuous communication between the regions of Tajikistan is improved by forming transport and telecommunication systems. At the same time, the analysis proves that the transition to electric transport is of great importance in the process of forming a green economy. It is substantiated that the use of electric vehicles helps reduce greenhouse gas emissions and exploit renewable energy sources. The economic advantages of the transition to electric transport in the regions of Tajikistan have been identified, according to which the use of electric and hybrid transport significantly reduces the use of non-renewable energy sources, reduces transport costs and contributes to the improvement of the environmental situation.*

***Key-words:*** *the regions of Tajikistan, green economy, green transport, transport system, electric transport, renewable energy*

Ҷойгиршавии географӣ яке аз хусусиятҳои хоси минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз сабаби зиёд будани масоҳати кӯҳӣ (93% манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳсор ташкил мекунад) алоқамандӣ ва ташкили тақсими байниминтақавии меҳнат бо мушкилоти зиёд дучор мегардад. Ҳамаи ин ба таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар таъсири худро мерасонад. Тафриқа дар тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо яке аз хатарҳои асосӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, инкишофи илмӣ-технологӣ дар Тоҷикистон ва таъмин намудани алоқамандии муттасили минтақаҳои он аз ҳисоби ташаккул додани низомҳои нақлиётӣ ва телекоммуникатсионӣ ба миён меояд. Мушкилоти инкишофи низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти масъалаҳои таъмини бехатарии иқтисодӣ доимо дар диққати давлату ҳукумат қарор дорад. Пӯшида нест, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ як қатор корҳои назаррас, алалхусус, ба истифода додани роҳи автомобилгарди Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон (235 километр), аз Варшез то гузаргоҳи Кулма – Қарасу (300 километр), Бохтар – Ҷалолиддини Балхӣ – Қубодиён – Шаҳритус – Айвоҷ – сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон (170 километр), Хуҷанд – Конибодом (57 километр), Хуҷанд – Ашт (122 километр) ва Балҷувон – Сари Хосор (58 километр) анҷом дода шудаанд. Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 13 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Ҳоло лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Роғун – Обигарм – Нуробод ба маблағи 3,3 миллиард сомонӣ ва бунёди пули калонтарин дар мамлакат бо дарозии 920 метр ба маблағи 625 миллион сомонӣ дар водии Рашт амалӣ шуда истодаанд. Инчунин, татбиқи лоиҳаҳои бунёди роҳҳои Бекобод – Деҳмой, Деҳмой – Бобоҷон Ғафуров, Бобоҷон Ғафуров – Хистеварз ва Конибодом – Кучкак (52 километр) ба маблағи 635 миллион сомонӣ дар вилояти Суғд, Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара (69 километр) ба маблағи 672 миллион сомонӣ, Ҳулбук – Темурмалик – Кангурт (59 километр) 740 миллион сомонӣ дар вилояти Хатлон идома дорад. Ҳамзамон, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҷдиду барқарорсозии роҳи мошингарди Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) бо сохтмони ду нақб бо дарозии 5,2 километр ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ, сохтмони ду пул бо дарозии 283 метр аз болои дарёҳои Ғунд ва Шорфдара, 4,5 километр роҳ ва долонҳои зидди тарма (550 метр) ба маблағи 342 миллион сомонӣ идома дорад. Бунёди роҳҳои Гулистон – Кӯлоб (35 километр) ба маблағи 745 миллион сомонӣ, Данғара – Гулистон (49 километр) ба маблағи 1 миллиарду 314 миллион сомонӣ, Гулистон – Фархор – Панҷ – Дӯстӣ (137 километр – марҳалаи якум) ба маблағи 449 миллион сомонӣ ва марҳалаҳои боқимонда ба маблағи 1,1 миллиард сомонӣ

дар давраи оғозшавӣ қарор дорад. Дар 7 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар пойтахти мамлакат 82 километр роҳ ба маблағи 2 миллиарду 235 миллион сомонӣ азнавсозӣ карда шуд. Дар се соли оянда дар шаҳри Душанбе 40 километр роҳи мошингард бо 7 эстакада бо арзиши умумии зиёда аз 3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода мешавад. Танҳо дар соли 2023 дар пойтахти мамлакат 16 километр роҳҳои мошингард бо арзиши 700 миллион сомонӣ бунёд ва ба истифода дода шуд. [5]

Қобили зикр аст, ки солҳои охир сохта ба истифода додани роҳҳои маҳаллӣ вусъати тоза гирифта, танҳо дар соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ба маблағи зиёда аз 300 миллион сомонӣ қариб 1000 километр роҳҳои маҳаллӣ таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 41 пул ба анҷом расидааст.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 таъкид карда шуд, ки бо "амалисозии ҳадафҳои муайянкардаамон дар панҷ – шаш соли оянда ҳамаи роҳҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии мамлакатро ба меъёрҳои сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ гардонем. Яъне бунёди роҳҳои муосир дарояндаи наздик ба мо имкон медиҳад, ки ба ҳадафи стратегиамон – ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ноил шуда, рушди устувори иқтисодӣ ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии халқамонро таъмин намоем. Дар баробари сохта, ба истифода додани роҳҳои мошингард, тартиби истифодабарии самаранок ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳҳои бунёдгардида яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани механизми назорати рақамии ҳаракати нақлиёти гаронвазн хеле муҳим аст. Илова бар ин, барои пурра ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар бунёди марказҳои логистикӣ, афзоиш додани шумораи нақлиёти боркаш, аз ҷумла воситаҳои нақлиёти яхдондор дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон муҳим мебошад." [5]

Тадбирҳои мазкур заминаи устувори инкишофи инфрасохтори иқтисодиёти бозорӣ, махсусан тараққиёти инфрасохтори нақлиётро таъмин намуд. Новобаста аз чунин дастовардҳои назаррас дар инкишофи соҳаи инфрасохтори нақлиёт дар сатҳи минтақаҳо ба ин масъала диққати зарурӣ зоҳир карда намешавад, ки боиси номутаносибии тараққиёти минтақаҳои кишвар гардида, ба бехатарии минтақавӣ ва миллӣ таҳдид мекунад.

Дар сатҳи микроиқтисод унсурҳои зерин ба сифати нишондиҳандаҳои бехатарии фаъолияти низоми нақлиёт аз нуқтаи назари хоҷагиҳои хонавода ва дигар субъектони алоҳидаи хоҷагидорӣ баромад мекунанд:

- таъмини дастрасии нақлиёт дар ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин (дар ҳолати идеалӣ дар тамоми манотиқи кишвар);
- мавҷудияти шабакаҳои роҳҳои нақлиётӣ барои ҳаракати автомобилҳо то ҷои истиқомати одамон дар лаҳзаи дилхоҳи шабонаруз ва дар ҳамаи мавсимҳои сол; вазъи шабакаи роҳ, аз ҷумла асфалтпӯш шудани онҳо мутобиқи стандартҳои ҷаҳонӣ баҳри таъмини ҳаракати бехатари нақлиёт; ҳолати шабакаи роҳи автомобилгард, вазъи мусофиркашонӣ ва боркашонӣ.

Дар давраи муосири инкишофи низоми нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои зеринро ҷудо намудан мумкин аст:

- афзоиши шумораи автомобилҳои сабукрав, ки бештар барои аз хона ба ҷои кор рафтан, ба ҷои зарурӣ расонидани аъзои оила, аз ҷумла ба боғчаи бачагон ва мактаб бурдани кӯдакон ва наврасон истифода мешаванд. Зимнан шумораи мусофирони автомобилҳои шахсӣ дар бисёр ҳолат аз як нафар зиёд нестанд;
- афзоиши муттасили шумораи автомобилҳои сабукрав ва боркашон, ки ба ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ тааллуқ доранд;

- аҳолии мамлакат дар баробари нақлиёти мусофиркашони ҷамъиятӣ, афзалиятро ба нақлиёти шахсӣ медиҳад. Мавҷудияти имкониятҳои молиявии аҳолӣ барои харидани автомобили шахсӣ ва истифодаи нақлиёти инфиродӣ бешубҳа ба коҳиши талабот ба нақлиёти ҷамъиятӣ оварда мерасонад;
- рақобати шиддатнок байни нақлиёти мусофиркашонии ҷамъиятии шаҳрӣ ва микроавтобусҳои инфиродӣ.

Дар раванди тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо афзоиши некуаҳволии аҳолии онҳо ба назар мерасад, ки ногузир ба зиёдшавии миқдори автомобилҳо, аз як тараф, ва сохтани таваққуфгоҳҳо, аз тарафи дигар, оварда мерасонад. Дар натиҷаи чунин раванд дар шаҳру ноҳияҳои минтақаҳо дар шароити афзоиши шумораи автомобилҳо, коҳиши сарчашмаҳои рушди экстенсивии шабакаҳои нақлиётӣ мушоҳида мегардад, ки зарурати ташаккули стратегияи тараққиёти низоми нақлиётии минтақаҳоро тақозо менамояд.

Фаъолияти нақлиёти наздишаҳрӣ ва байнишаҳрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони тасодуфӣ, ки соҳиби нақлиёти сабукрав ва ё микроавтобус мебошанд, амалӣ карда мешавад. Дар ин самт истифодаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳриву ноҳиявӣ қариб аст, ки ба назар намерасад. Аз ин рӯ, дар баъзе аз самтҳои рафту омади мусофирон номураттабӣ мушоҳида мешавад. Мусофирон соатҳои дароз барои сафар кардан ба шаҳру ноҳияҳои минтақаҳо интизорӣ мекашанд, ки ҳам ба зарари моддӣ ва ҳам маънавӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, таъмини муттасилӣ ва бехатарии алоқаи нақлиётӣ байни субъектони хоҷагидорӣ ва шаҳру ноҳияҳои минтақаҳо зарур аст. Дар ин самт мутобиқати иқтидори роҳҳо ба эҳтиёҷоти бозорӣ муҳим ва зарур арзёбӣ мегардад. Азбаски нишондиҳандаи асосии самаранокии низоми нақлиётии минтақа қобилияти гузаронидани селаи бор ва мусофир бидуни анбӯҳ ва танбашавӣ, ё чи хеле ки дар байни халқ маъруф аст "бе пробка" ба ҳисоб меравад, зимнан ин нишондиҳанда бояд ба сифати нишондиҳандаи бехатарии иқтисодии таъминоти нақлиётӣ баромад кунад. Аммо дар шароити инкишофёбии ҳадафҳои иқтисодиёти сабз ва пешрафти минтақаҳо ин нишондиҳанда бояд бо дарназардошти истифодаи нақлиёти сабз татбиқ карда шавад. Танҳо бо назардошти истифодаи нақлиёти сабз мумкин аст таъсири экологӣ ба муҳити зист ба ҳадди ақал расонида шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои мазкур ба сифати нишондиҳандаҳои иловагии бехатарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар фаъолияти низоми нақлиёт бояд таъмин карда шавад, унсурҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- қобилияти таъмини муттасили боркашонӣ ва мусофиркашонӣ бо назардошти истифодаи васеи нақлиёти сабз бо ихроҷи ҳадди ақалли гази карбон ба муҳити зист;
- мутобиқати тағйирёбии инкишофи шабакаҳои нақлиётӣ ба тағйирёбии низоми хоҷагидорӣ;
- ҳолати техникии шабакаи инфрасохторӣ, объектҳо ва воситаҳои нақлиёт.

Боиси қайд аст, ки ба ҳисоби миёна дар минтақаҳо тақрибан 24% ихроҷи газҳои карбон дар ҷаҳон ба соҳаи нақлиёт рост меояд. Гуфта мешавад, ки бахши нақлиёт сарчашмаи хавфҳои экологӣ ба шумор меравад, ки бехатарии иқтисодиро коста мегардонад.[6] Дар давраи муосир, ба туфайли ворид намудани технологияҳо ва талаботи нави экологӣ, ихроҷи гази карбони автомобилҳо нисбат ба пештара коҳиш ёфтааст. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон дар 20 соли охир ихроҷи гази карбон аз тарафи автомобилҳои сабукрав 13% ва автомобилҳои боркаш 31% коҳиш ёфтааст. [6] Лекин дар ин самт мушкилии зерин ба назар мерасад: шумораи автомобилҳои сабукрав ва боркашон дар 20 соли охир зиёд гардида, истифодаи онҳо нисбат ба пештара шиддатнок шудааст. Айни замон, вақти ғайристеҳсолии автомобилҳо аз ҳисоби афзоиши шумораи анбӯҳшавӣ ва танбашавӣ ва номукаммалии логистикаи роҳ зиёд гардидааст. Дар натиҷа ихроҷи гази карбон аз ҳисоби ҳаракати автомобилҳо дар ҳудуди шаҳру

деҳот нисбат ба солҳои 90-уми асри XX ба маротиб зиёд гардидааст.

Чунин вазъият ба он оварда расонид, ки то ҳол бахши нақлиёт ба татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз саҳми ночизе дорад. Ҳол он ки дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ оид ба татбиқи иқтисодиёти сабз таъкид гардидааст, ки дар солҳои 2020-2025 нисбат ба соли 1990 ихроҷи гази карбон аз ҳисоби автомобилҳои сабукрав ва боркашон бояд 40% коҳиш дода шавад. [6] Алҳол расидан ба ин нишондиҳанда шубҳаовар менамояд.

Бартараф намудани хатарҳои номбурда дар шароити муосир аз ҳисоби коҳиш додани шиддатнокии рафтуойи автомобилҳои сабукрав ва боркашон имконнопазир аст, зеро он метавонад ба пастшавии робитаи байни маконҳои иқтисодӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, барои беҳтар намудани вазъият истифодаи технологияҳои сабз дар соҳаи нақлиёт мувофиқи мақсад мебошад. Махсусан, дар ин самт паҳншавии васеи на танҳо нақлиёти автомобилии сабукрави сабз, инчунин автомобилҳои боркашони сабз, автобусҳои барқӣ, дучархаҳои барқӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт метавонад ба беҳтаргардии вазъият дар бахши нақлиёт мусоидат намояд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2023 ба манотиқи кишвар ворид намудани ҳама гуна нақлиёти истеҳсолашон то соли 2013 манъ карда шуд, ки дар самти коҳиш додани ихроҷи гази карбон ба муҳити зист ва татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қадамҳои устувор ба ҳисоб меравад. Инчунин, аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воридкунии ҳамаи намудҳои нақлиёти барқӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда шуд. Новобаста ба кӯшишҳои давлат оид ба ҳавасмандгардонии гузариш ба нақлиёти барқӣ, бозори он дар марҳилаи пойдоршавӣ қарор дорад. Барои густариш додани ин раванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 октябри соли 2022 "Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028" -ро тасдиқ кард. Барномаи мазкурро бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021 Вазорати нақлиёт бо мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдори мамлакат таҳия карда аст.

Ҳадафаи асосии барномаи мазкур таъсиси пояи меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи чораҳои зарурӣ барои инкишофи нақлиёти барқии аз ҷиҳати экологӣ тоза, таъсиси инфрасохтор барои таъминоти барқ ва хизматрасонии техникӣ, коркарди технологияи безараргардонии аккумуляторҳо, инчунин коркарди нақшаи чораҳо барои таъсиси пояи моддии техникӣ барои истеҳсоли нақлиёти барқӣ ва қисмҳои алоҳидаи он дар мамлакат ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Мавҷудияти инфрасохтори зарурӣ ва дастгирии ҳаматарафаи давлат метавонад нақлиёти сабзро аз мӯд барои сарватмандон ба тамоюли умумии устувор табдил диҳад. Дар ин ҷода бояд қарзҳои нисбатан арзон барои харидории нақлиёти барқӣ пешбинӣ шавад. Дар "Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша дорад, ки нақлиёти барқӣ ва гибридро дар минтақаҳои мамлакат васеъ паҳн намояд. Чунин ҳадафи нақлиёти сабз на танҳо ба ҳифзи муҳити зист ва вазъияти экологӣ мусоидат мекунад, балки аз сабаби набудани сарчашмаҳои дохилии коркард ва истеҳсоли сӯзишвории анъанавӣ, ба монанди маҳсулоти нафт ва газ самаранок ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон дар истеҳсоли нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ яке аз кишварҳои пешсаф ба ҳисоб меравад, ки он ба ҳавасмандгардонии инкишофи нақлиёти сабз заминаи асосӣ мебошад.

Таҳлил собит менамояд, ки нақлиёти сабз дар айни ҳол бештар дар пойтахти мамлакат, шаҳри Душанбе инкишоф ёфта, дар дигар минтақаҳои кишвар бошад, шумораи он хеле кам аст. Барои таъмин ва ҳавасмандгардонии инкишофи нақлиёти сабз дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд кӯшишҳои зиёд амалӣ карда шаванд.

Бо назардошти он, ки арзиши нақлиёти барқӣ нисбатан гарон аст, бинобар ҳамин барои давлат дар шароити муосир инкишофи нақлиёти ҷамъиятӣ самти афзалиятнок ба ҳисоб

меравад. Дар ин ҷода корҳо татбиқ шуда истодаанд, лекин на дар ҳама минтақаҳои кишвар. Масалан, дар шаҳри Душанбе дар чорчӯбаи барномаи “шаҳри сабз” Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр 104 адад троллейбуси беноқил ва якчанд автобуси барқӣ харидорӣ намудааст, ки ба сокинон ва меҳмонони пойтахти кишвар хизмат мерасонанд. [9] Дар ин ҷода корхонаи нақлиётии Тоҷикистону Туркия “Акия Авестон” тасмим гирифтааст, ки то соли 2028 тақрибан 500 адад автобуси мусофиркашони пойтахтро ба электробусҳо иваз хоҳад кард, ки дар натиҷа нақлиёти мусофиркашони мошинсарои пойтахт пурра нав мешавад. [9] Алҳол дар ширкати мазкур 30 электробус дар раванди истеҳсол қарор дошта, санҷишҳо нишон доданд, ки дар дурнамои дарозмуддат истифодаи онҳо воқеан арзонтар хоҳад шуд. Масалан, аввалин электробус соли 2021 истеҳсол карда шуд ва таҷрибаи истифодаи он нишон дод, ки масрафи сӯзишворӣ  нисбат ба автобусҳои дизелӣ тақрибан 10 маротиба кам мешавад. Агар барои тай намудани 100 км роҳ ба автобуси дизелӣ тақрибан ба 400 сомонӣ сӯзишворӣ харидан лозим бошад, электробус ин масофаро бо харҷи 40 сомонӣ тай мекунад.

Дар сурати мавҷуд будани хизматрасониии пурра ва самаранок бо электроавтобус масрафи хизматрасонӣ ба он нисбат ба автобуси дизелӣ дар як сол 30% арзонтар мебошад.

Дар назари аввал истифодаи нақлиёти сабз аз ҳама ҷиҳат фоидаовар ва самаранок мебошад. Лекин дар ин ҷода ду ҳолат ба назар мерасад, ки татбиқи босуръати нақлиёти сабзро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкил мекунад: якум, нархи электробусҳо. Ба ҳисоби миёна вобаста аз модел ва қисмҳои иловагӣ, автобуси одӣ нисбат ба электробус 2-3 маротиба арзон мебошад. Дуюм, таъсиси инфрасохтор барои хизматрасонии электробусҳо. Дар навбати аввал нуқтаҳои таъмини барқӣ заруранд. Ташкили чунин нуқтаҳо низ хароҷоти калонро талаб менамояд.

Бо вуҷуди ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти асосии истифодаи нақлиёти сабз, пеш аз ҳама, иқлим ба ҳисоб меравад. Обу ҳавои Тоҷикистон гарм намудани салони автобусҳоро дар муддати дароз талаб намекунад ва аккумуляторҳои нақлиётҳои барқӣ дар чунин вазъият нисбатан сусттар қувваи худро сарф мекунанд.

Ба ҳар ҳол гузариш аз нақлиёти анъанавӣ ба нақлиёти барқии сабз дар соҳаи нақлиёти мусофиркашон як қатор афзалиятҳои назаррас дошта бошад ҳам, муҳлати рӯйпӯшкунии хароҷот нисбатан зиёд аст. Ва ин гуфтаҳо дар ҳолате сидқ дорад, ки агар нақлиёти барқии сабзи мусофиркашонӣ ба таври оммавӣ дар ҳама минтақаҳои кишвар ҷорӣ карда шавад.

Дар шароити муосир чунин маблағгузориҳо дар минтақаҳои мамлакат имконнопазир мебошад. Бинобар ин, дар самти  мазкур дастгирии ҳаматарафаи давлат зарур арзёбӣ карда мешавад.

Мувофиқи “Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028” дар нақша аст, ки дар мамлакат камаш 40 нуқтаи таъмини барқӣ бо иқтидори зиёда аз 22 кВт (таъминот то 80% дар тӯли 20-30 дақиқа), инчунин тақрибан 850 нуқтаҳои таъмини барқӣ бо иқтидори миёна (то 22кВт бо таъминоти 80% дар муддати 2-10 соат) ташкил карда шавад.[8]

Ба нақша гирифта шудааст, ки ба молиягузории барномаи мазкур тақрибан 230 млн. сомонӣ (21 млн. доллари ИМА) равона карда шавад. Сарчашмаҳои маблағи мазкур чунин муайян карда шудааст: аз буҷети давлатӣ ҳамагӣ 1,4 млн. сомонӣ;  6,2 млн. сомонӣ аз ҳисоби шарикони рушд ва 221 млн. сомонии боқимонда аз ҳисоби бахши хусусӣ. [1]

Бо дарназардошти вазъияти сармоягузорони хориҷӣ, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, на ҳамаи онҳо метавонанд чунин маблағгузориро аз худ намоянд. Аз ин лиҳоз, татбиқи ин лоиҳа то соли 2028 танҳо дар шаҳрҳои калони кишвар ба монанди Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кулоб имконпазир аст.

Вазъи истифодаи нақлиёти барқии сабз аз тарафи шахсони алоҳида бошад дар

минтақаҳои кишвар камтар дигар аст. Аслан шумораи нақлиёти барқӣ дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар зиёд мебошад: аз 445 ҳазор автомобил ҳамагӣ 120-тои он нақлиёти барқӣ аст, ки 0,03%-и шумораи умумиро ташкил мекунад. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ҳиссаи нақлиёти барқиро дар шумораи умумии автомобилҳо то 20-30% расонад. Вазъи таъмини аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

***Ҷадвали 1.***

***Таъмини аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ (ба 1000 нафар аҳолӣ, адад)***

| **Минтақаҳо** | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷумҳурӣ | 19 | 21 | 38 | 43 | 48 | 44 | 43 | 46 | 45 | 46 | 59 |
| ВМКБ | 15 | 15 | 24 | 36 | 47 | 38 | 39 | 46 | 45 | 46 | 62 |
| Вилояти Суғд | 28 | 25 | 46 | 56 | 64 | 58 | 58 | 58 | 58 | 58 | 72 |
| Вилояти Хатлон | 7 | 11 | 27 | 28 | 30 | 29 | 28 | 28 | 28 | 28 | 33 |
| ш. Душанбе | 24 | 27 | 53 | 67 | 73 | 69 | 68 | 82 | 80 | 61 | 109 |
| НТҶ | 23 | 23 | 38 | 40 | 44 | 39 | 38 | 44 | 43 | 50 | 58 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. - С.300*

Аз рӯи ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз соли 2000 то соли 2022 дар ҳама минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ тамоюли афзоишро дорад. Аз байни минтақаҳои кишвар таъмини аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар шаҳри Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳо баланд мебошад, ки бевосита бо сатҳи даромаднокии минтақа алоқаманд мебошад. Вилояти Суғд аз рӯи ин нишондиҳанда дар байни минтақаҳои кишвар мақоми дуюмро ишғол менамояд. Соли 2022 ба ҳар ҳазор нафар 72 адад автомобили сабукрави шахсӣ рост омадааст. Мувофиқи маълумоти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди кишвар то 1 марти соли 2024 дар маҷмуъ 666074 воҳид воситаи нақлиёт ба қайд гирифта шуда, шумораи автомобилҳои сабукрав 562000 ададро ташкил кардааст.[7]

Мувофиқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шумораи автомобилҳо ба ҳар сари аҳолӣ дар мақоми 154 қарор дошта, байни кишварҳои ИДМ мавқеи охиринро ишғол менамояд. Дар Тоҷикистон ҳар як 18-ум шаҳрванд соҳиби автомобили сабукрав мебошад. Барои муқоиса нишондиҳандаи кишварҳои ИДМ-ро меорем: дар Русия ин нишондиҳанда 395 автомобил ба ҳазор нафар аҳолӣ, Қазоқистон 226 автомобил ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ, Қирғизистон 201 автомобил ба ҳазор нафар аҳолӣ, Туркманистон 102 автомобил ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ, Ӯзбекистон 87 адад автомобил ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ. [7]

Алҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи истифодаи нақлиёти сабз қадамҳои аввалини устувори худро монда истодааст. Ба истифодабарандагону харидорони нақлиёти барқӣ давлат имтиёзҳои зеринро муқаррар намудааст: напардохтани боҷи давлатӣ барои иҷозати ҳаракат дар роҳ, имтиёзҳои андозӣ ба воридкунандагони нақлиёти сабз, истифодаи мизони сифрии ААИ. Ҳамаи ин чораҳо асоси инкишофи “Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028”-ро ташкил мекунанд.

Дар Тоҷикистон дар айни ҳол асосан автомобилҳои тамғаи Toyota Prius ва гибридҳои гуногун, инчунин тамғаи Чинии JAC, BYD маъмул мебошанд. Дар ин ҷо зарур мешуморем дар бораи даромаднокии нақлиёти барқӣ якчанд рақамҳоро зикр кунем: мисол, барои бо сӯзишвории анъанавӣ (бензин, дизел, гази моеъ) пур кардани баки автомобили одӣ 600-1200

сомонӣ зарур аст, ки он ба 400-600 км роҳ мерасад. Барои ҳамин масофаро тай кардани нақлиёти барқӣ 27-100 сомонӣ сарф мешавад, агар таъмини барқ дар нуқтаи махсус иҷро шавад. Дар сурати дар хона бо барқ таъмин кардани мошин ҳамагӣ 13-25 сомонӣ сарф мегардад. Бинобар ин, бо назардошти самаранокии истифодаи нақлиёти сабз аз эҳтимол дур нест, ки ин намуди нақлиёт дар оянда ба нақлиёти оммавӣ мубаддал гардад. Омили асосии оммавигардонии нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди нақлиёти мусофиркашони барқӣ бешубҳа афзоиш додани нуқтаҳои таъмини барқ дар шаҳрҳо ва берун аз онҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин самт, барои харидорон истифодаи низоми лизингӣ ва қарзҳои имтиёзнок бо фоизҳои дастрас зарур арзёбӣ карда мешавад, ки яке аз роҳҳои зиёд кардани талаботи аҳолӣ ба нақлиёти барқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин ба ғайр аз барномаҳои махсуси лизингӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба харидорон бояд номгӯи зиёди автобилҳои барқӣ пешниҳод шавад, то онҳо имкони бештари интихоб дошта бошанд.

Агар “Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028” марҳила ба марҳила татбиқ карда шавад, то соли 2028 ҳиссаи нақлиёти барқӣ дар Тоҷикистон то 10-15 маротиба зиёд хоҳад шуд. Ҳарчанд ин нишондиҳандаҳо барои татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз кофӣ нестанд, онҳо оғози кори ташаккули нақлиёти сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд.

Тибқи маълумоти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023 ба Тоҷикистон 3316 адад мошини барқӣ ба маблағи умумии 59 миллион доллари ИМА ворид карда шуд. Танҳо дар 6 моҳи аввали соли 2024 ба кишвар 5266 адад мошини барқӣ ба маблағи умумии 76,4 миллион доллар ворид гардидааст, ки ин 26,7 %-и шумораи умумии мошинҳои воридшударо (зиёда аз 19,7 ҳазор адад) ташкил мекунад.[10]

Ин рақамҳо аз татбиқи “Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028” шаҳодат медиҳанд. Лозим ба қайд аст, ки дар соли 2023 аз 31184 адад нақлиёти ба вилояти Суғд воридшуда 1049-тояш нақлиёти сабукрави барқӣ мебошад, ки 3,4% воридоти нақлиёти сабукравро ташкил мекунад. Соли 2024 бошад ба вилояти Суғд дар маҷмуъ 21777 адад нақлиёти сабукрав ворид шудааст, ки аз он 2983 адад нақлиёти барқии сабукрав буда, 13,7%-ро ташкил мекунад.[2] Тамоюли афзоиши воридоти нақлиёти барқӣ ба вилояти Суғд ва мамлакат аз он шаҳодат медиҳад, ки мардум эҳсос кардаанд, ки истифодаи ин намуди нақлиёт ҳам барои буҷети оилавӣ ва ҳам барои коҳиш додани ихроҷи газҳои гулхонаӣ ва бо ин роҳ нигоҳдории сатҳи мусоиди экологӣ хизмат менамояд.

Дар шароити фаъолгардии сиёсати иқлимӣ ва мубориза бар зидди ифлосшавии муҳити зист маълум мегардад, ки ба бахши нақлиёт самти тараққиёти сабз зарур мебошад ва ин амал бо инкишофи технологияҳои сабз иртибот дорад.

Дар ин раванд аксари мушкилотро аз ҳисоби коркард ва ҷорӣ намудани низомҳои оқилонаи идоракунии маҷмуии ҳаракат дар роҳҳо таъмин намудан мумкин аст. Татбиқи чунин амалҳо азнавсозии тамоми инфрасохтори идоракунии ҳаракати автомобилҳо, пеш аз ҳама, зиёд кардани аломатҳо барои ҳаракати автомобилҳои ба талаботи экологӣ ҷавобгӯ набуда, васл намудани таҷҳизоти тафтишкунандаи ихроҷи гази карбон дар автомашинаҳоро пешбинӣ мекунад.

Дар ин самт на танҳо чораҳои техникӣ, инчунин чораҳои ташкилӣ зарур мебошанд, ки ба рушди экологонии нақлиёт нигаронида шудаанд. Дар ин радиф дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи кишварҳои хориҷиро татбиқ намудан мумкин аст. Аз ҷумла каршеринг (иҷораи автомобилҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ), велошеринг (иҷораи дучархаҳо), райдшеринг (истифодаи якҷояи автомобили шахсӣ ба воситаи хизматрасониҳои шабакавии интернетӣ барои ҷустуҷӯи ҳамсафарон). Гуфтан лозим аст, ки дар самти татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар ҷодаи нақлиёти сабз автомобилҳои гибрид (истифодабарандагони якчанд сарчашмаи энергия) ва автомобилҳои автоматонида, омода намудани таваққуфгоҳҳои

“боақл”-и муайянкунандаи ҷойҳои холӣ барои таваққуфи бехатар, мониторинги нақлиёт, ки вақти сафарро коҳиш дода, ба сарфаи сӯзишворӣ мусоидат менамояд, тартиби реҷаи муайяншудаи ҳаракати нақлиёти мусофиркашон дар шаҳру ноҳияҳо, технологияҳои сенсории маълумот дар бораи вазъияти роҳ ва ғайра басо муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Зеро истифодаи чунин воситаҳо ихроҷи партовҳои ин соҳаро ба муҳити зист коста мегардонад.

Пӯшида нест, ки самаранокии низоми нақлиётии мамлакат ва минтақаҳои он бо қобилияти гузаронидани селаи ҳадди аксари бор ва мусофирон бидуни танбашавӣ муайян карда мешавад. Дар шароити васеъшавии шаҳрҳо ин нишондиҳанда ҳатман бояд ба инобат гирифта шавад. Боиси қайд аст, ки татбиқи таъмини асосии низоми нақлиёт бояд бо назардошти таъсири ҳадди ақалли экологии он ба муҳити зист ба роҳ монда шавад. Бо ин роҳ, мумкин аст бехатарии иқтисодӣ дар иртибот бо инкишофи иқтисодиёти сабз таъмин карда шавад.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №532 аз 31 октябри соли 2022*
2. *Маълумоти фаврии Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд. https://www.gumruk.tj/index.php/12121/khabarho/*
3. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. -419с.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. /www.president.tj/*
5. *Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http: president.tj*
6. *The Case for Responsible Travel: Trends & Statistics 2015 [Маводи электронӣ]. URL: http://www.responsibletra-vel. rg/resources/documents/2015%20Trends%20&%20Statistics Final.pdf (санаи муроҷиат 10.01. 2025).*
7. *http // asia-plus.tj (санаи муроҷиат: 25.12.2024)*
8. *https://tj.sputniknews.ru/20230526/perspektivy-rynok-elektrokarov-tadjikistan-1057387717.html*
9. *https://tj.sputniknews.ru/20230718/tadjikistan-uvelichenie-import-elektromobily-1058322243.html*
10. *https://mintrans.tj/*


***REFERENCES:***


1. *The Program for the Development of Electric Transport in the Republic of Tajikistan for 2023-2028. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan No. 532 dated October 31, 2022*
2. *Operational Information of the Regional Customs Administration in Sughd region. https://www.gumruk.tj/index.php/12121/khabarho/*
3. *Annual Statistics of the Republic of Tajikistan 2023. Agency for Statistics under the President of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2023. -419c.*
4. *Message from the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon. /www.president.tj/*
5. *The Official website of the President of the Republic of Tajikistan: http: president.tj*
6. *The Case for Responsible Travel: Trends & Statistics 2015 [Маводи электронӣ]. URL: http://www.responsibletra-vel. rg/resources/documents/2015%20Trends%20&%20Statistics Final.pdf (date of appeal: 10.01. 2025).*
7. *http // asia-plus.tj (date of appeal: 25.12.2024)*
8. *https://tj.sputniknews.ru/20230526/perspektivy-rynok-elektrokarov-tadjikistan-1057387717.html*
9. *https://tj.sputniknews.ru/20230718/tadjikistan-uvelichenie-import-elektromobily-1058322243.html*
10. *https://mintrans.tj/*